KRESTON
AC

# ҶАМЪИЯТИ САҲҲОМИИ КУШОДАИ «КОММЕРСБОНКИ ТОҶИКИСТОН»

**Ҳисоботи молиявӣ**

Барои соле, ки 31 декабри 2023 анҷом ёфтааст

**ва ҳисоботи аудиторони мустақил**

KRESTON
AC

Ҷумҳурии Тоҷикистан
ш. Душанбе, 734025
куч. Пушкин 10, хуҷ 207

Т: + 992 (907) 77 23 22
info@kreston.tj
www.kreston.tj

## ҲИСОБОТИ АУДИТОРИ МУСТАҚИЛ

Ба Саҳҳомон ва Шӯрои нозирони Ҷамъияти саҳҳомии кушодаи «Коммерсбонки Тоҷикистон»:

### Ақидаи аудитор бо эзоҳ

Мо санҷиши аудитории ҳисоботи молиявии Ҷамъияти саҳҳомии кушодаи «Коммерсбонки Тоҷикистон»-ро (дар оянда «Бонк») гузаронидем, ки аз ҳисобот оиди ҳолати молиявӣ ба санаи 31 декабри соли 2023, ҳисобот оиди фоида ва зарар ва маҷмӯи даромади ғайр, ҳисобот оиди тағйирёбии сармоя ва ҳисобот оиди ҳаракати воситаҳои пулӣ ва инчунин эзоҳот ба ҳисоботи молиявӣ, аз ҷумла маълумоти кӯтоҳ дар бораи сиёсати ҳисобдорӣ, иборат мебошад.

Ба ақидаи мо, ба истиснои таъсири эҳтимолии ҳолатҳое, ки дар банди "замина барои ақида бо эзоҳ", ҳисоботи замимашудаи молиявии мазкур аз ҳама ҷиҳатҳо вазъи молиявии Бонкро дар санаи 31 декабри соли 2023 ва инчунин натиҷаи фаъолият ва ҳаракати воситаҳои пулии онро барои соле, ки дар санаи зикршуда ба охир расид, мувофиқи Стандартҳои Байналмиллалии Ҳисоботи Молиявӣ (СБҲМ) дуруст инъикос менамояд.

### Замина барои ақида бо эзоҳ

Дар ҳисоботи вазъи молиявии Бонк то 31 декабри соли 2023 дар эзоҳи 13 «Маблағҳо дар бонкҳо» ба маблағи 193,936 ҳазор сомонӣ бо назардошти захираҳои зарари қарзии пешбинишуда оид ба қарз аз бонкҳо ба маблағи (3,209) ҳазор сомонӣ оварда шудааст. Бояд тазаккур дод, ки аз маблағҳои дар боло зикргардида ҳиссаи ба бонкҳои воқеъгардидаи Федератсияи Россия 56,852 ҳазор сомониро ташкил медиҳад, бо назардошти захираҳои зарари қарзии пешбинишуда аз рӯи қарзҳо аз бонкҳо ба маблағи 1,011 ҳазор сомонӣ. Ин захира дар асоси рейтингҳои кредитии байналмиллалии навтаъсиси ташкилотҳои қарзии Русия ҳисоб карда шуд, ки дар натиҷа 31.5% захираи умумии барои ин категорияи дороиҳои молиявӣ таъсис додашударо ташкил дод. Вазъияти марбут ба вазъи кунунии Украина ва ҷорӣ намудани таҳримҳои қатъии байналмилалӣ алайҳи Федератсияи Русия дар моҳи феврали соли 2022 хеле босуръат инкишоф ёфт. Ин ҳолатҳо ба он оварда расонд, ки агентиҳои рейтингии байналмилалӣ рейтинги кредитии соҳибихтиёрии Федератсияи Русия ва Украинаро бо назари манфӣ аз нав дида баромаданд. Паст шудани рейтинг бо хатарҳои назаррас барои рушди иқтисодӣ, таъсири ҷиддӣ ба қурби асъор, қобилияти қарздиҳии кишварҳо ва субъектҳои иқтисодии онҳо алоқаманд аст. Дар маҷмӯъ, ин метавонад ба зарари пешбинишавандаи қарзӣ аз рӯи маблағҳое, ки аз бонкҳои субъектҳои ин кишварҳо ба ин омилҳо таъсир мерасонанд, таъсири назаррас расонад. Дар санаи нашри ҳисоботи молиявӣ, Бонк натавонист таъсири эҳтимолии ин ҳолатҳоро ба ҳисоботи молиявӣ арзёбӣ кунад. Истифодаи расмиёти алтернативии аудиторӣ, ки барои ҳисоб кардан ва эътироф кардани талафоти қарзии пешбинишуда аз бонкҳо мувофиқи рейтингҳои кредитии навшуда кифоя аст, имконнопазир буд. Дар натиҷаи ин ҳолатҳо, мо натавонистем муайян кунем, ки чӣ гуна ислоҳот дар робита бо андозагирии захираҳои қарзӣ барои талафоти қарзии пешбинишуда барои мувофиқат ба СБҲМ 9 Воситаҳои молиявӣ дар санаи 31 декабри соли 2023 зарур аст.

**Бобе, ки ҷолиби диққат аст**

Бе додани эзоҳи иловагӣ дар ақидаи худ, диққати шуморо ба Эзоҳи 15 «Қарзҳо ба мизоҷон» ба ҳисоботи молиявӣ ҷалб менамоем, ки дар он гуфта мешавад, ки Бонк захираи зарари қарзии пешбинишавандаро аз рӯи қарзҳое, ки мутобиқи СБҲМ 9 «Воситаҳои молиявӣ» («СБҲМ 9») дода шудааст, ҳисоб мекунад, ки аз захираи мутобики талаботи Бонки миллии Точикистон («БМТ») хисобшуда фарқ мекунад. Маблағҳо барои зарари пешбинишавандаи қарзӣ аз рӯи қарзҳои додашуда барои соли ба охир расидани 31 декабри соли 2023 ва барои соли ба охир расидани 31 декабри соли 2022, ки тибқи СБҲМ 9 ҳисоб карда шудаанд, мутаносибан 4,778 ҳазор сомонӣ ва 41,933 ҳазор сомониро ташкил дода, захираи дар мувофиқи талаботи БМТ 14,764 ҳазор сомонӣ ва 42,139 ҳазор сомониро ташкил додааст.

Бе додани эзоҳи иловагӣ дар ақидаи худ, таваҷҷуҳи шуморо ба Эзоҳи 11 «Андоз аз даромад» дар ҳисобот оид ба фоида ё зарар ва дигар даромади умумӣ ҷалб менамоем, ки маблағи он барои соли 31 декабри соли 2023, 15,206 ҳазор сомониро ташкил медиҳад. То санаи тасдиқи ҳисоботи молиявӣ эъломияи андоз аз даромади аз тарафи мақомоти андоз тасдиқ ва қабулшуда барои давраи ҳисоботӣ пешниҳод нашудааст. Истифодаи расмиёти алтернативии аудиторӣ, ки барои тафтиши дурустии баҳисобгирии ин модда дар соли 31 декабри соли 2023 кифоя аст, имконнопазир буд, ки метавонад ба муайян кардани вазъи молиявӣ, натиҷаҳои амалиёт, тағирот дар сармоя ва гардиши пули нақд дар санаи 31 декабр 2023 ва барои соле, ки дар ин сана ба охир мерасад таъсир расонад.

Бе додани эзоҳи иловагӣ дар ақидаи худ, таваҷҷуҳи шуморо ба Эзоҳи 34 «Сиёсати идоракунии хавфҳо»-и ҳисобот оиди вазъи молиявӣ ҷалб менамоем, ки дар он ӯҳдадориҳои кӯтоҳмуддати Бонк (уҳдадориҳои мӯҳлаташон то як сол) аз дороиҳои кӯтоҳмуддати он, ки барои муомилот дар давоми як сол пешбинӣ шудаанд, ба маблаги 255, 690 хазор сомонӣ зиёд мебошанд. Ин фарқият мӯҳлатҳои суратҳисобҳои муштариён ва пасандозҳои кӯтоҳмуддатро инъикос менамояд. Аммо, дар асоси таҷрибаи қаблӣ, роҳбарияти Бонк тахмин мекунад, ки гумон аст, ки ҳамаи муштариён дар як вақт мехоҳанд пардохтҳоро дар охири мӯҳлат гиранд. Раҳбарияти Бонк тахмин мекунад, ки дар як вақт гирифтани пасандозҳо аз тарафи муштариён эҳтимолияти бениҳоят кам доранд. Қобили зикр аст, ки қобилияти пардохтии дарозмуддати Бонк, аз он хусус нишондиҳандаҳои молиявии дарозмудат,мусбӣ буда, 275,809 ҳазор сомониро ташкил менамоянд. Роҳбарият Бонк аҳамиятнокии онҳоро дарк намуда, кушиш менамояд, ки устувории ин пасандозҳоро барои таъмини қобилияти пардохтпазирӣ ва пардохтпазирии дарозмуддати Бонк нигоҳ дорад.

**Масъулияти роҳбарият ва шахсони масъул нисбати идоракунии корпоративӣ ва ҳисоботи молиявӣ**

Роҳбарият барои омодакунии ҳисоботи молиявӣ ва мутобиқати он ба СБҲМ масъулият ба зимма дорад. Масъулияти мазкур инҳоро дар бар мегирад: таъсис додан, татбиқ намудан ва дастгирӣ кардани назорати дохилӣ аз рӯи омодакунӣ ва аниқу воқеӣ пешниҳод кардани ҳисоботи молиявӣ бидуни таҳрифи назаррасе, ки дар натиҷаи сӯиистифодаи молиявӣ ва хатоҳо ба амал омада бошанд. Дар омодакунии ҳисоботи молиявӣ роҳбарият оиди баҳогузории қобилияти Бонк барои фаъолияти қатънашаванда, ошкоркунии масъалаҳои ба фаъолияти қатънашаванда татбиққунанда, истифодаи принсипҳои асосии баҳисобгирии Ташкилотҳои фаъолияташон қатънашаванда масъулиятнок мебошад, танҳо ба истиснои мавридхое, ки роҳбарият нияти барҳамдихии Бонк, қатъ намудани амалиётҳо ё бе мавҷудияти ягон асоси воқеӣ ба ҳамин тавр рафтор карданро дошта бошад. Шахсони масъул нисбати идоракунии корпоративӣ ҳамчунин барои назорати ҷараёни ҳисоботи молиявии Бонк масъулиятнок ба ҳисоб мераванд.

**Масъулияти аудиторон нисбати аудити ҳисоботи молиявӣ**

Мо аудитро бо мақсади ба даст овардани эътимоди қавӣ бобати он ки ҳисоботи молиявӣ таҳрифоти назаррас надорад, амалӣ намудаем ва ҳисоботи молиявии ки ақидахои моро иброз менамоянд, пешниҳод менамоем. Боварии қатъӣ сатҳи баланди боварӣ мебошад, лекин кафолат намедихад, ки аудит дар асоси СБА хамеша тахрифоти назаррасро ошкор месозад. Таҳрифоти назарраси ҳисоботи молиявӣ дар натиҷаи сӯиистифодаи молиявӣ ва ё содир намудани хатоҳо ба амал омада, дар мавриде назаррас ҳисобида мешавад, агар онҳо дар алохидагӣ ё ҳамбастагӣ тавонанд ба қарорҳои иқтисодии шахсони ба таҳияи ҳисоботи молиявӣ машғул буда, таъсир расонанд

Дар доираи гузаронидани аудит мутобиқи СБА мо тибқи довари касбӣ амал намуда, скептисизми касбиро дар тамоми муддати тафтиши аудиторӣ таъмин менамоем. Мо инчунин:

- таҳрифоти назаррас дар ҳисоботи молиявӣ, ки дар натиҷаи сӯиистифодаи молиявӣ ва хатоҳо ба амал меоянд муайян ва баҳоргузорӣ намудем, расмиёти аудити ба чунин хавфҳо ҷавобгӯро таҳия ва иҷро намудем, инчунин далелҳое, ки барои ифода намудани ақидаи аудиторӣ кофӣ ва заруранд дастрас намудем. Хавфи муайян накардани таҳрифоти назаррасе, ки дар натиҷаи роҳ додан ба хатогиҳо, инчунин, сӯиистифодаи молиявӣ ба миён меоянд, метавонад маслиҳатӣ, сохтакорӣ, таҳрифоти қасдан, ё пешгӯии назорати дохилиро дар бар гирад;
- фаҳмиши назорати дохилии марбут ба аудитро бо мақсади таҳияи тартиби аудити шароити мувофиқ, на бо мақсади изҳори андеша оид ба самаранокии назорати дохилӣ Бонк, дастрас намудем;
- бамавқеъ будани сиёсати баҳисобгирии истифодашаванда, асоснок будани амалҳои роҳбарият ва баҳогузории пешниҳоди ҳисоботи молиявиро арзёбӣ намудем;
- доир ба мувофиқи мақсад истифода намудани асосҳои баҳисобгирии фаъолияти қатънашаванда аз тарафи роҳбарият дар асоси далелҳои аудит ба даст оварда шуда, мавҷудияти номуайянии моддӣ вобаста ба воқеаҳо ва ё шароитхое, ки метавонанд шубҳаи назаррасро оиди қобилияти Бонк ба фаъолияти қатънашаванда ба миён андозанд хулосадиҳӣ намудем. Агар мо оиди мавҷудияти номуайянии моддӣ хулоса барорем, ба мо лозим аст дар ҳисоботи аудитории худ диққатро доир ба эзоҳоти марбут ба ҳисоботи молиявӣ талаб намоем, ё дар мавриди нокифоя будани эзоҳоти марбут, андешаи худро тағйир диҳем. Хулосаҳои мо бо далелҳои аудитории дастраснамуда ба санаи пешниҳоди ҳисоботи аудиторӣ асос ёфтаанд. Бо вуҷуди ин, воқеаҳо ва ё шароитҳои оянда метавонанд сабабгори ба итмом расидани фаъолияти қатънашандаи Бонк гарданд;
- пешниҳоди умумӣ, сохтор ва мазмуни ҳисоботи молиявӣ, аз ҷумла эзоҳотро арзёбӣ намудем ва мувофиқаткунии пешниҳоди амалиётҳои асосӣ ва чорабиниҳо аз тарафи ҳисоботи молиявиро нисбат ба пешниҳоди одилона муайян намудем.

Мо ба шахсони масъули рохбарикунандаи Бонк маълумотро оиди банақшагирии хачм ва мӯҳлати гузаронидани санҷиши аудиторӣ ва инчунин мушоҳидаҳои муҳими аудит, аз ҷумла норасоиҳои назарраси низоми назорати дохилӣ, ки мо дар рафти санҷиши аудиторӣ ошкор намудаем, мерасонем.

Мо инчунин ба шахсони масъули идоракунӣ изҳорот медиҳем, ки мо тамоми талаботи ахлоқии марбут ба мустақилиятро риоя кардем ва ба онҳо ҳама муносибатҳо ва дигар масъалаҳоеро, ки метавонанд ба таври оқилона ба мустақилияти аудитор таъсир расонанд ва дар ҳолатҳои зарурӣ, ҳама чораҳои эҳтиётии дахлдорро хабар додем.

Шеров Диловар

Директор, ҶДММ «Крестон АС»

Иҷозатнома № 0000066 ки аз ҷониби
Бонки миллии Тоҷикистон дода шудааст

29 марти соли 2024
ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ҶАМЪИЯТИ САҲҲОМИИ КУШОДАИ «КОММЕРСБОНКИ ТОҶИКИСТОН»

### ҲИСОБОТ ОИД БА ФОИДА Ё ЗАРАР ВА МАҶМӮИ ДАРОМАДИ ҒАЙР БАРОИ СОЛЕ, КИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2023 АНҶОМ ЁФТААСТ
*(бо ҳазор сомонӣ)*

| | Эзоҳ | Барои соле, ки 31 декабри соли 2023 анҷом ёфтааст | Барои соле, ки 31 декабри соли 2022 анҷом ёфтааст |
|---|---|---|---|
| Даромадҳои фоизӣ | 4 | 96,372 | 59,147 |
| Хароҷотҳои фоизӣ | 4 | (28,185) | (21,057) |
| ДАРОМАДИ СОФИ ФОИЗӢ ТО ТАШАККУЛЁБИИ ЗАХИРАҲО БАРОИ БЕҚУРБШАВИИ ДОРОИҲОЕ, КИ АЗ РӮИ ОНҲО ФОИЗҲО ҲИСОБ КАРДА МЕШАВАНД | | 68,187 | 38,090 |
| Барқарорсозӣ/(Ташаккул) захира барои беқурбшавии дороиҳое, ки аз рӯи онҳо фоизҳо ҳисоб карда мешаванд | 15 | 37,155 | (41,160) |
| ДАРОМАДИ СОФИ ФОИЗӢ | | 105,342 | (3,070) |
| Даромадҳои комиссионӣ | 5 | 20,993 | 18,223 |
| Хароҷотҳои комиссионӣ | 6 | (8,601) | (8,289) |
| Даромади соф аз рӯи амалиётҳо бо асъори хориҷӣ | 7 | 10,344 | 101,139 |
| Ташаккули захира оид ба беқурбшавии дигар дороиҳо | 8 | (1,677) | (931) |
| Дигар даромадҳои/(хароҷотҳои) гайриамалиётӣ, холис | 9 | 371 | 220 |
| ДАРОМАДҲОИ СОФИ ҒАЙРИФОИЗӢ | | 21,430 | 110,362 |
| Хароҷотҳои амалиётӣ | 10 | (63,044) | (53,686) |
| ФОИДА ТО АНДОЗ АЗ ФОИДА | | 63,728 | 53,606 |
| Хароҷоти андоз аз фоида | 11 | (15,206) | (10,920) |
| ФОИДА ДАР ДАВОМИ СОЛ | | 48,522 | 42,686 |
| Маҷмӯи даромади ғайр: | | - | - |
| ҲАМАГӢ МАҶМӮИ ДАРОМАД | | 48,522 | 42,686 |
| Фоида барои як саҳм | | 2 | 2 |

**Аз номи роҳбарияти Бонк:**

**Раҷабов Э.Ҳ.**
**Раиси Раёсат**

29 марти соли 2024
ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Ҳикоятов А.А.**
**Сармухосиб**

29 марти соли 2024
ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон

Тавзеҳоти дар саҳифаҳои 12-69 овардашуда қисми ҷудонопазири ҳисоботи молиявии мазкур мебошанд. Ҳисоботи аудиторони мустақил дар саҳифаҳои 4-6 оварда шудааст.

## ҶАМЪИЯТИ САҲҲОМИИ КУШОДАИ «КОММЕРСБОНКИ ТОҶИКИСТОН»

### ҲИСОБОТ ОИДИ ВАЗЪИ МОЛИЯВӢ
### БА ҲОЛАТИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2023
*(бо ҳазор сомонӣ)*

| | Эзоҳ | Барои соле, ки 31 декабри соли 2023 анҷом ёфтааст | Барои соле, ки 31 декабри соли 2022 анҷом ёфтааст |
|---|---|---|---|
| **ДОРОИҲО** | | | |
| Воситаҳои пулӣ ва муодилҳои онҳо | 12 | 557,117 | 556,873 |
| Воситаҳо дар бонкҳо | 13 | 193,936 | 78,460 |
| Воситаҳои истифодабариашон маҳдудшуда | 14 | 80,697 | 39,880 |
| Қарзҳои ба мизоҷон додашуда | 15 | 862,535 | 366,736 |
| Сармоягузорӣ барои фурӯш дастрас | 16 | 20,000 | - |
| Сармоягузорӣ | 17 | 2,181 | 2,181 |
| Дороиҳои дарозмӯҳлат барои фурӯш | 18 | 606 | - |
| Воситаҳои асосӣ | 19 | 26,799 | 17,805 |
| Дороиҳои ғайримоддӣ | 20 | 6,699 | 6,028 |
| Дороиҳо дар шакли ҳуқуқи истифодабарӣ | 21 | 10,571 | 15,055 |
| Дороиҳои андозии мавқуфгузошташуда | 11 | - | 1,217 |
| Воситаҳои молиявӣ, ки бо арзиши одилона тавассути фоида ё зарар арзёбӣ карда мешаванд | | 113 | - |
| Дороиҳои дигар | 22 | 68,459 | 31,736 |
| ҲАМАГӢ ДОРОИҲО | | 1,829,713 | 1,115,971 |
| **ӮҲДАДОРИҲО ВА САРМОЯ** | | | |
| ӮҲДАДОРИҲО | | | |
| Маблағҳои бонкҳо ва дигар ташкилотҳои молиявӣ | 23 | 7,669 | 12,197 |
| Воситаҳои молиявӣ, ки бо арзиши одилона тавассути фоида ё зарар арзёбӣ карда мешаванд | 24 | - | 33,630 |
| Воситаҳои мизоҷон | 25 | 1,333,288 | 669,622 |
| Коғазҳои қиматноки қарзӣ | 26 | 22,327 | 61,393 |
| Қарзҳои гирифташуда | 27 | 93,042 | 29,000 |
| Ӯҳдадориҳо аз рӯи иҷора | 21 | 12,696 | 17,535 |
| Ӯҳдадориҳои ба таъхир гузошташудаи андоз | 11 | 254 | - |
| Дигар ӯҳдадориҳо | 28 | 31,533 | 19,212 |
| | | 1,500,809 | 842,589 |
| САРМОЯ: | | | |
| Сармояи оинномавӣ | 29 | 260,000 | 210,000 |
| Захираҳои умумӣ | | 3,474 | 2,794 |
| Захираҳои умумӣ оиди қарзҳои хизматрасонишаванда | | 10,138 | 151 |
| Фоидаи тақсимнашуда | | 55,292 | 60,437 |
| | | 328,904 | 273,382 |
| ҲАМАГӢ ӮҲДАДАРИҲО ВА САРМОЯ | | 1,829,713 | 1,115,971 |

**Аз номи роҳбарияти Бонк:**

**Раҷабов Э.Х.**
**Раиси Раёсат**

29 марти соли 2024
ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Ҳикоятов А.А.**
**Сармухосиб**

29 марти соли 2024
ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон

Тавзеҳоти дар саҳифаҳои 12-69 овардашуда қисми ҷудонопазири ҳисоботи молиявии мазкур мебошанд. Ҳисоботи аудиторони мустақил дар саҳифаҳои 4-6 оварда шудааст.